# СУРАТМАҶЛИСИ № 47
## Ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА -001

08 -уми апрели соли 2024 ш. Душанбе

**Иштирок доштанд**: аз 15 аъзои Шуро, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 ноябри соли 2021, №311/01шд тасдиқ шудааст, 14 нафар иштирок доранд. Аз онҳо 5 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аъзои дигари Шурои диссертатсионӣ бо сабабҳои узрнок иштирок надорад. Аксарияти аъзои Шурои диссертатсионӣ ҳузур доранд. Бинобар ин, Шуро салоҳият дорад, ки ба кори худ оғоз намояд.

Пешниҳод шуд, ки маҷлиси Шурои диссертатсионӣ кушода эълон карда шавад. Пешниҳоди дигар нест? Нест. Якдилона қабул шуд.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

1. Ба ҳимояи такрорӣ иҷозат додани диссертатсияи Музафарзода Фазлиддин дар мавзуи “Ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар шароити низоми нави ҷаҳонӣ (нигоҳи геополитикӣ)”

Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ Шоисматуллоев Ш. баромад намуд (Хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад).

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи номзадии Музафарзода Фазлиддин дар мавзуи “Ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар шароити низоми нави ҷаҳонӣ (нигоҳи геополитикӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.04. – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ ба ҳимояи такрорӣ қабул карда шавад.
2. Муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:
   - доктори илмҳои сиёсӣ Каримов Ш.Т.;
   - доктори илмҳои фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси сиёсатшиносӣ Амиров Толиб Шарифович.
3. Ба ҳайси муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ таъйин карда шавад.
4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи минбаъда дар сомонаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чопи автореферат иҷозат дода шавад.
5. Санаи ҳимоя 21-уми июни соли 2024 таъйин карда шавад.

Қарор қабул карда шуд: якдилона.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои сиёсӣ, профессор /____________/ Зокиров Г.Н.

И.в. котиби илмии
Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои таърих /____________/ Акрамӣ З.И.